**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», доктори илмҳои филологӣ, профессор
________________________Низомӣ М.З.
«_03_»____01_________соли 2025

# ХУЛОСАИ

кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000–Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ).

Диссертатсия дар мавзуи **«Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)»** дар кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» иҷро шудааст.

**Маълумоти мухтасар оид ба довталаб**. Зафари Шариф соли таваллудаш 21.07.1992, соли 2015 факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»-ро аз рӯйи ихтисоси «Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ» хатм намудааст.

Аз соли 2015 то соли 2017 дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дар зинаи магистратура таҳсил кардааст. Аз моҳи августи соли 2017 то соли 2020 дар Донишкада дар зинаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) таҳсил карда, онро хатм кардааст.

Айни замон Зафари Шариф ба сифати декани факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии донишкадаи мазкур фаъолият дорад.

**Роҳбари илмӣ:** Шосаидзода Сафар Ҳасан, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ ва иттилоотшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода».

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода санаи 29 январи соли 2018, протоколи №6 ва бо тағйиру иловаҳо 10 марти соли 2023, протоколи 7 тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсияи Зафари Шариф дар маҷлиси кафедраи китобхонашиносӣ ва библиогарфишиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсузода мухокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Аз натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ хулоса зеринро қабул кард:

## ХУЛОСА

**1.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионии Зафари Шариф «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000–Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ): банди 2. Масъалаҳои таҳқиқ ва коркард дар соҳаи назария, таърих методология, созмондиҳӣ, технологияҳо, идоракунӣ ва таъмини техникии фаъолияти китобхонавӣ, библиографӣ; аҳаммияти ҳаллу фасли комплексии проблемаҳои ихтисоси мазкур барои иқтисодиёти миллӣ, илм, фарҳанг ва маориф; ҷоринамоии навгониҳо дар соҳаи китобдорӣ, библиографӣ; истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, омодасозӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо, истифодаи таҷрибаи пешқадами китобдорӣ;

Зербанди 2.7-уми банди 3 - методологияи таҳқиқот дар кори китобдорӣ ва ҷанбаҳои методологии фаъолияти китобдорӣ-библиографӣ, китобшиносӣ; зербанди 2.8-уми банди 3 –коркардҳои сотсиологӣ дар кори китобдорӣ мувофиқат мекунад.

**2.** Мавзуи таҳқиқоти диссертасионии Зафари Шариф ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503), принсипҳои асосии рушди «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, № 636), бандҳои 31,36,39,68,69,70,79,80,81-уми «Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.04.2021, № 115) робитаи мустақим дошта, ба раванди амалисозии ҳадафҳои асосии асноди мазкури стратегӣ мусоидат менамояд.

**3.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бешубҳа муҳим арзёбӣ гардида, ба яке аз самтҳои авлавиятдоштаи таҳқиқоти илмии китобхонашиносии ватанӣ – инноватикаи китобдорӣ бахшида шудааст. Роҳандозии равандҳои инноватсионӣ дар китобхонаҳои давлати оммавии Тоҷикистон талаботи замони доимотағйирёбанда ва дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор рафта, барои мутобиқ гардонидани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорию библиографӣ ба тақозои ҷомеаи иттилоотӣ ва фазои иттилоотии муосир равона карда шудааст.

**4.** Ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардидани масъалаҳои методологӣ ва назариявии инноватикаи китобдорӣ, чараёни ғайриқаноатбахши воридоти навгониҳо дар амалияи китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон, зарурати такмили донишу малакаҳои касбии китобдорони ҷумҳурӣ дар самти омӯзиш ва ҷоринамоии инноватсияҳои китобдорӣ, таҳия, озмоиш ва татбиқи амсилаи консептуалии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ҳадафи меҳварӣ ва мубрамияти омӯзишу баррасии мавзуи таҳқиқотро собит менамояд.

**5.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар замина ва бо риояи принсипҳои методологии таҳқиқи илмӣ, асосноксозии муқарраротӣ ибтидоии назариявӣ, таҳлили таҷрибаи марказҳои методӣ дар замони шуравӣ дар алоқамандии он бо дастовардҳои амалияи китобдорӣ дар самти ҷоринамоии инноватсияҳо, кофӣ ва боэътимод будани сарчашмаҳои мавриди истифода, истифодаи самараноки услубҳои озмоиши эмпирикӣ, натиҷагирии ҳадафманд аз натиҷаҳои таҳқиқоти назаривӣ ва эмпирикӣ, мутобиқати муқаррароту хулоса ва тавсияҳои илмӣ ба эҳтиёҷоти имрӯза ва ояндаи китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Мақсади асосии** таҳқиқоти диссертатсионии Зафари Шариф асосноксозии назариявии амсилаи такмили таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф диссертант **вазифаҳои** зеринро иҷро кардааст:

- таҳлили илмии фаъолияти китобхона ҳамчун объекти таъмини инноватсионӣ-методӣ;
- таҳлили махсусиятҳои раванди ташаккули низоми таъмини илмӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ даврони шуравӣ;
- муайян ва асоснок намудани роҳу воситаҳои эҷодкорона ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами таъмини илмию методии фаъолияти китобхонаҳои даврони шуравӣ дар амалияи китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон;
- ошкор намудани монеаҳои асосии раванди ҷоринамоии инноватсияҳо дар китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ва таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти онҳо;
- мушаххас намудани меъёрҳои асосии арзёбии самаранокии раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- таҳлил ва арзёбии натиҷаи озмоиши таҳқиқоти анҷомёфта ва таҳияи амсилаи консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- дар заминаи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиши таҷрибавӣ таҳия намудани пешниҳодҳо ҷиҳати амалисозии амсилаи консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ.

**Объекти** таҳқиқоти Зафари Шариф фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ба шумор рафта, м**авзуи** онро – раванди ташаккули заминаҳои таърихӣ ва асосҳои назариявии таъмини инноватсионӣ-методӣ ҳамчун омили рушди фаъолияти китобхонаҳо ташкил медиҳад.

**Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ва** санҷиши фарзияҳои ибтидоӣ диссертант аз маҷмуи методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ: назариявӣ – барои таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ-методологӣ, психологӣ, педагогӣ (анализ, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ, мураттабсозӣ, моделсозӣ); эмпирикӣ: пурсиш, таҳлили мавод оид ба фаъолияти китобхонаҳо ва

марказҳои методӣ, суҳбат, мушоҳида, мусоҳиба, худбаҳодиҳӣ, хулосаи экспертӣ, озмоиши педагогӣ, методҳои омории таҳлили маълумот ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ истифода бурда, таҳқиқотро тӯли солҳои 2017-2024 ба анҷом расонидааст.

**Навгонии илмии** таҳқиқоти Зафари Шариф пеш аз ҳам дар он зоҳир мегардад, ки зимни баргузории он диссертант:

- зарурати омӯзиши таҷрибаи таърихии марказҳои методӣ ва таъмини ҳамбастагии он бо дастовардҳои муосири фаъолияти инноватсионӣ-методиро ба сифати омили муассири баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ва рушди устувори китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон собит кардааст;

- таҷрибаи марказҳои методии сатҳи миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти бонизоми инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавиро таҳлил карда, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он, аз ҷумла сатҳи омодагии марказҳои методӣ ва китобдорон ҷиҳати ҷоринамоии навгониҳо ошкор кардааст;

- бо назадошти хусусиятҳои хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои асосии монеасози раванди ҷоринамоии инноватсияҳро дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ муайян ва роҳҳои асосии бартараф намудани онҳоро илман асоснок кардааст;

- функсияи зинаҳои гуногуни хадамоти инноватсионӣ-методиро ҳамчун унсури муҳимтарини инфрасохтори фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо мушаххас карда, методикаи ташхиси фазои инноватсионӣ ва интихоби стратегияи муносиби ҷоринамоии дигаргуниҳои инноватсиониро дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ асоснок ва пешниҳод карда тавонистааст.

- амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро таҳия намуда, шароитҳои амалисозии онро дар раванди озмоиши таҷрибавӣ санҷида, самтҳои асосии татбиқи онро дар амалияи китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон муайян кардааст.

Диссертант **нуктаҳои асосии** зеринро ба дифоъ пешниҳод кардааст:

**1.** Таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ низоми мукаммали рушдёбандаи дорои мақсад, вазифаҳо, мундариҷа, методҳо, шаклҳои ташкилӣ, шароит ва натиҷаҳо мебошад. Зарурати таҳқиқи илмӣ ва такмили низоми мазкурро барои китобхонаҳои Тоҷикистон фазои муосири иттилоотӣ ва дигаргуниҳои

азими ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи навбунёд муайян менамояд.

**2.** Сатҳу сифат ва самаранокии низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон аз омӯзиши амиқу интиқодии таҷрибаи таърихии фаъолияти марказҳои методӣ, таъмини ҳамбастагии он бо консепсияҳо ва дастовардҳои низоми муосири таъмини инноватсионӣ-методӣ алоқамандии зич дорад.

**3.** Такмили раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар амалисозии муносибати инноватсионӣ нисбат ба фаъолияти китобхона, гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ барои муайян намудани монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ, сатҳи салоҳият ва фарҳанги инноватсионии китобдорон, азрёбии неру, дараҷаи омодагии кормандони марказҳои методӣ, ташаккули низоми устувори такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ки китобдорро ба ташаббускорӣ, эҷодиёт, навҷӯйӣ ва навоварӣ раҳнамун месозанд, ифода меёбад.

**4.** Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар заминаи истифодаи услубҳои методологии муносибати бонизом, синергетикӣ, ба муҳит ва шахс нигаронидашуда ташаккул меёбад.

**5.** Дар раванди амалисозии стратегияи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ бояд таҷрибаи пешқадами инноватсионии китобхонаҳои кишварҳои пешрафта ҳамчун ғоя ва намунаи арзишманд барои рушду такомули раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо пазируфта шуда, ба шароит ва хусусияти хоси китобхонаҳои Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти** анҷомдодаи Зафари Шариф аз он иборат аст, ки:

- маҷмуи донишҳои назариявии китобхонашиносии ватанӣ оид ба фаъолияти марказҳои методӣ бо асосҳои нави илмии таъмини иннноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо мукаммал мегардад;

- назария ва методикаи хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба истифодабарандагони китобхона дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти китобхона бо ғояи назариявӣ-методологии таъмини инноватсионӣ-методӣ ғанитар мегардад;

- барои коркарди илмӣ ва тавсеаи функсияи марказҳои методии сатҳи миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар самти ҷоринамоии навгониҳои китобдорӣ заминаи иловагии назариявӣ фароҳам меояд;

- барои муайян намудани роҳҳои ҳалли проблемаҳои илмии «монеаҳои раванди инноватсионӣ», «ташаккули салоҳияти инноватсионии китобдорон», «ташаккули фарҳанги инноватсионии китобдор» ва амсоли инҳо имконияти васеъ пайдо мегардад;

- консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо барои таҳияи нуктаҳои асосии асноди стратегии рушди соҳаи китобдорӣ ва таҳқиқоти оянда дар самти инноватикаи китобдорӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи ҷамъбасти натиҷаҳо, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф:

- барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо дар шароити доимовусъатёбандаи рақобати бозори иттилоотӣ заминаҳои воқеӣ фароҳам меоянд;

- раванди идоракунии ҳайати китобхона дар шароити рушди инноватсионӣ самарабахш гардида, ҳавасмандии китобдорон барои зоҳир намудани ташаббусҳои иннноватсионӣ бештар мегардад;

- барои омодасозӣ ва баланд бардоштани сатҳи салоҳияти инноватсионии мутахассисони ояндаи соҳаи китобдорӣ маводи нави таълимӣ фароҳам оварда шудааст (бо пешниҳоди диссертант дар ДДФСТ ба номи М.Турсунзода таълими фанни «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона» ба роҳ монда шуда, дастури таълимӣ ва барномаи фан таҳия гардидааст);

- барои азнавсозии фаъолияти марказҳои ёрии методӣ ба китобхонаҳои давлатию оммавӣ, роҳандозии бонизоми инноватсияҳои китобдорӣ, омӯзишу ҷоринамоии таҷрибаи пешқадами инноватсионӣ, вусъати ташаббусҳои эҷодиву инноватсионии китобдорон ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ заминаи мусоид фароҳам меояд.

Диссертатсия ба ҳимоя аввалин бор пешниҳод карда мешавад. Муҳтавои таҳқиқ, мундариҷа ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Зафари Шариф дар 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастури таълимӣ (дар ҳаммуалифӣ) интишор ёфта, ба мавзуи таҳқиқ иртиботи мустақим доранд ва муҳтавои асосии диссертатсия, инчунин автореферáтро инъикос мекунанд.

**1. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Шариф, З. Фановарӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди фаъолияти методии китобхонаҳои Тоҷикистон / З. Шариф // Гузориши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №4. – С.43-49. ISSN 2616-8944

[2-М] Шариф, З. Моҳият ва сохтори неруи инноватсионии китобхона: таҳлили самаранокии истифодабарии он / С. Шосаидзода, З. Шариф // Гузориши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – №4. – С.7-11. ISSN 2616-8944

[3-М] Шариф, З. Фаъолияти методӣ ҳамчун раванди идоранамоии дигаргуниҳо ва инноватсияҳои китобдорӣ / З. Шариф // Фарҳанг ва санъат. – 2019. – №1. – С.87-92. ISSN 2616-8944

[4-М] Шариф, З. Масъалаҳои таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо / З. Шариф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №5. – С.242-246. ISSN 2413-5151.

[5-М]. Шариф, З. Салоҳияти инноватсионии китобдорон-кафолати хизматрасонии босифати китобдорию иттлоотӣ [Матн] / З. Шариф // Паёмномаи фарҳанг . – 2023. –№1 (61). – С. 42-48. ISSN 2306-6423.

[6-М] Шосаидзода, С. Омилҳои рушди инноватсионии Китобхонаҳо [Матн] / Шосаидзода, С., З. Шариф // Паёмномаи фарҳанг . – 2024. –№3 (67). – С. 36-46. ISSN 2306-6423.

**2. Мақолаҳои муаллиф, ки дар дигар нашрия ва маҷмуаҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[1-М] Шариф, З. Фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои Тоҷикистон / З. Шариф // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – №1. – С.86-92.

[2-М] Шариф, З. Марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди фаъолияти методии китобхонаҳо дар Тоҷикистон / З. Шариф // Фарҳанг ва санъат. – 2017. – №1-2. – С.97-101.

[3-М] Шариф, З. Алоқамандии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бо фаъолияти илмӣ-методӣ дар соҳаи китобдорӣ / З. Шариф // Фарҳанг ва санъат. – 2017. – №3-4. – С.100-108.

[4-М] Шариф, З. Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун самти муосири фаъолияти методии китобхонаҳои Тоҷикистон / З. Шариф // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2017. – Ҷ.6. – С.33-41.

[5-М] Шариф, З. Таҳлили дастгоҳи истилоҳотии фаъолияти методии китобхонаҳо / З. Шариф // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2018. – Ҷ.7. – С.157-162.

[6-М] Шариф, З. Фаъолияти инноватсионии марказҳои методии китобхонаҳои Тоҷикистон / З. Шариф // Ҷойгоҳи китоби анъанавӣ дар

шароити рушди технологияи иттилоотӣ. Маводи конфронси илмӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – С.65-74.

[7-М] Шариф, З. Фаъолияти методии китобхона-омили рушди соҳа / З. Шариф // Китобхона дар ҷаҳони муосир:баррасии фарҳангию иттилоотӣ. – Душанбе: Дониш, 2019. – С.40-48.

[8-М] Шариф, З. Таъмини методии фаъолияти китобдорӣ ҳамчун самти муҳими таҳқиқи илмӣ / З. Шариф // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2019. – Ҷ.8. – С.231-238.

[9-М] Шариф, З. Фаъолияти инноватсионӣ-методӣ – кафолати рушди соҳаи китобдорӣ / С. Шосаидзода, З. Шариф // Фарҳанг ва санъат. – 2020. – №2. – С.86-92. ISSN 2616-8944

[10-М] Шариф, З. Паёми Пешвои миллат- барномаи ояндасози соҳаи китобдорӣ / С. Шосаидзода, З. Шариф // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии полиграфия: ҳолат ва рушди дурнамои он. Маводи конфронси илмӣ. – Душанбе, 2020. – С.341-343.

[11-М] Шариф, З. Нақши китоб ва китобхонаҳо дар ташаккули тафаккури миллии насли наврас / С. Шосаидзода, З. Шариф // Дастовардҳои соҳаи китобдорӣ дар 30 соли даврони истиқлолияти давлатӣ Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Нушбод, 2021. – С.12-17.

[12-М] Шариф З. Внедрение инноваций как приоритетное направление методологической деятельности библиотек Таджикистана / З. Шариф // Россия-Таджикистан-Узбекистан: Молодежь и развитие духовной культуры общества: актуальные проблемы и преспективы их решения: Сб. материалов междунар. науч. конф. / под ред. В.Я. Рушанина, М.З. Низоми, И.М. Тухтасинова, И.Ж. Юлдашева, О.Х. Хамидова, Ж.Гульназарзода, Ш.М. Тохтасимова; сост. Б.С. Сафаралиев, М.Р. Холов. – Душанбе, 2022. – С.332-338.

**3. Дастури таълимӣ:**

[1-М] Шариф, З. Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона: дастури таълимӣ / С. Шосаидзода, Ш. Зафар; Зери назари доктори илмҳои филологӣ, профессор М.З. Низомӣ; муҳаррир Б.С. Холов. – Душанбе: Мехроҷ-граф, 2021. – 96 с.

Ҷустуҷӯ ва таҳлили амиқи сарчашмаҳои гуногун оид ба мавзуъ, таҳияву асосноксозии илмии нуктаҳои муҳимтарини мавзуъ, муайян намудани объекту предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарду ҷамъбаст ва тафсири илмии натиҷаҳои он маҳсули чандинсола ва бевоситаи фаъолияти илмию таҳқиқотии муаллиф мебошад. Таҳия ва пешниҳоди амсилаи консептуалии

дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он **саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** маҳсуб меёбад.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот солҳои 2016-2024 дар конференсияҳои гуногуни илмию назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишкадавӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар баррасӣ ва тасвиб гардиданд.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмии Зафари Шариф дар мавзуи «**Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) кафедра хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳаммияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши густурда ва муфассалро мустақилона анҷом додааст, ки он барои минбаъд идома бахшидани пажӯҳишҳо дар самти идоракунии равандҳои инноватсионӣ-методӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «**Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 21, 27, 28, 31, 33, 34, 35, 38, 39, 40, 41, 42-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (тағйиру илова бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 12 нафар, аз ҷумла Суфизода Ш. З., д.и.ф., и.в. профессор, Шосаидзода С.Ҳ., н.и.п., дотсент, Комилзода Ш., н.и.п., дотсент, Назарова З., н.и.п., и.в. дотсент, М. Мамадазимова н.и.т., и.в. дотсент, Маҳмудов Г.Б., и.в, дотсент, Нодирзода С.С, Раҷабова Н,

Равшанова Н, Ҷамолова Ҳ, Назаров Т, Н. Шариф., омӯзгорони калони кафедра.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар «муқобил» – нест, «бетараф» – нест, протоколи кафедра № 4 аз 24 декабри соли 2024.

Раиси ҷаласа, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Комилзода Шариф

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсент Назарова З.Э.

Имзоҳои Комилзода Шариф ва Назарова Зебунисоро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ «ДДФСТ номи
Мирзо Турсунзода» Ҳомидова Заррина Ҳабибовна

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ:** 734032, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 73а.
МДТ «ДДФСТ номи Мирзо Турсунзода».
Тел.: +992 372 2311827
Сомона: www. ddst.tj